**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзӯи "Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири вазъи зудтағйирёбандаи минтақа ва ҷаҳон, болоравии арзиши зиндагӣ, таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ тавассути ба истифода додани манзили истиқоматии дастрас яке аз муаммоҳои мубрам дар назди давлату ҳукумат мебошад, ки таҳқиқиоти амиқи иқтисодӣ-омории он талаб карда мешавад. Рисолаи диссертатсионии Абдуллоева Гулноза Абдуджаборовна маҳз ба таҳқиқи масоли зикшуда дар манотиқи кишвар ва дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бинобарин мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ бо дарназардошти фарогирии таҳқиқи муаммоҳои иқтисоди-омории таъмини аҳолӣ ба манзили истиқоматӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ бешубҳа мубрам ҳисобида мешавад.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи иқтисодӣ-омории сохтмони манзил аз маълумотҳои сарчашмаҳои муътамад кор гирифта усулҳои омории таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, усулҳои индексӣ ва дигар усулҳои моделсозиро истифода бурда, дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои ба сохтмони манзил таъсиррсасонро таҳия намудааст, ки ҳамаи ин саҳеҳии баланди натиҷаҳои таҳқикро таъмин менамоянд.

Муаллиф дар рисола бо мавқеъ таъкид менамояд, ки бо афзоиши шумораи аҳолӣ ва вусъатёбии равандҳои шаҳрнишинӣ, масъалаи таъмини аҳолӣ бо манзил ба яке аз самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ табдил меёбад, ки қобили дастгирист. Ҳамчунин аз усулҳои моделсозии регрессионӣ истифода шуда, вобастагии арзиши миёнаи 1 м² манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои музди миёнаи меҳнати ҳармоҳа, ба истифода додани масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ ва фонди манзил модели бисёромиларо таҳия карда, параметрҳои он аз ҷиҳати иқтисодӣ-оморӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар рисола муаллиф дар натиҷаи таҳлилҳои иқтисодӣ-иҷтимоии нишондиҳандаҳои сохтмони манзил тафриқаи назарраси ин нишондиҳандаҳоро дар натиҷаи истифодаи усулҳои таҳлили оморӣ ошкор карда, сабабу оқибатҳои онро воқеъбинона тавзеҳ дода, барои рафъи тафриқаҳо дар минтақаҳо ва ба ҳам наздик кардани нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда чораҳои муасирро пешниҳод ва тавсияҳои судманд ироа намудааст. Ин аз диққати махсуси муаллифро ба тафриқаи нобаробари

рушди сохтмони манзил дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва дар як вақт рушди нобаробари инфрасохтори иҷтимоии ин минтаққоро ифода менамояд.

Дар ниҳояти таҳқиқот муаллиф ба таҳлилу баррасии муаммоҳои моделсозии омории рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил даст задааст, ки қисмати мураккаби таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар раванди таҳияи моделҳои эконометрӣ муаллиф муаммои мултиколлинеариро ошкор карда, пас аз бартараф кардани он дар якчанд сенарияҳои моделҳои регрессионӣ дурнамои яке аз нишондиҳандаҳои натиҷавии сохтмони манзилро таҳия намудааст. Сенарияҳои дурнамо бо тавсифҳои омори регрессионӣ арзёбӣ шудааст, ки дар ҳадди эътидол қарор дошта эътимоднокии онҳоро тасдиқ менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе паҳлӯҳои норавшан ва ё баҳсталаб низ мавҷуданд, ки коркардро тақозо доранд. Ба эътибор гирифтани тавсияҳои зерин арзиши илмии рисоларо боло хоҳад бурд.

**Эродҳо ва тавсияҳои имконпазир:**

**1.** Дар саҳифаи 4-уми автореферат, ҷумлаи зерини сархати дуюм таҳрирталаб аст. Азҷумла чунин омадааст: «Вале, мутассифона, таҳлили иқтисодӣ ва омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, танҳо ба истисноӣ Д.Н. Дадоматов [8,9,10], З.М. Каримова [16], А.Л. Қодиров [21, 22, 23], Р.Р. Раҳимов [29], С.Ш. Саидов [30], П.С. Хуҷаев [37], Ғ. Раҳматҷонов [37], Х.Д. Саидхоҷаев [37] ва дигарон саҳми калон гузоштанд». Калимаҳои «мутаасифона» ва «истисно» бемавқеъ истифода шудааст.

**2.** Дар сархати сеюми ҳамин саҳифа ба ҷои «Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-оморӣ, сохта ба истифода додани манзили истиқоматӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳида дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуда, таъсири омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар соҳаи сохтмони манзили истиқоматӣ ба таври бояду шояд таҳлилу баррасӣ гардидаанд.» бояд ҷумла чунин мураттаб карда шавад: «Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохта ба истифода додани манзили истиқоматӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳида дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуда, таъсири омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар соҳаи сохтмони манзили истиқоматӣ ба таври бояду шояд таҳлилу баррасӣ нагардидаанд.»

**Хулоса:**

Автореферати диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуджаборовна як таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад, ки дар ҳалли масоили иқтисодӣ-омории сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошта метавонад. Рисолаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти баланди илмӣ, ва навгонии арзишманд дошта, тавсияҳои муаллиф метавонанад барои таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаю стратегияҳои давлатӣ истифода шуда, барои беҳтар гаштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мусоидат намояд.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, муаллими калони**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Вазирзода Д.Р.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, муаллими калони**
**кафедраи молия ва қарз Вазирзода Д.Р-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатов М.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 985464693**
**E-mail : dilorom1985@mail.ru.**

**«14» 08 2025**